# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи “Икишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат. ш. Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи “Икишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Дар ҳамаи давраҳои таърихӣ никоҳ ва оила ба сифати мавзуи муҳим ва таъсиргузор дар заминаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст ва имрӯз низ аҳамияти хос ва зарурати худро нигоҳ медорад. Оила, ки аввалин ва асосии воҳиди иҷтимоии ҷомеа мебошад, якҷоя бо давлат ташкилоти иҷтимоии мукаммали ҷомеаро ташкил медиҳад. Ваҳдати оила як аломати муҳими рушди ҷомеа ва таъсиси ҷомеаи одилона аст, зеро маҳз дар оила робитаҳои аввали иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд.

Никоҳ, ки ҳамчун як конструкти ҳуқуқӣ ва институти иҷтимоӣ амал мекунад, дар ташкил ва нигоҳдории муносибатҳои оилавӣ нақши муҳим мебозад. Бо шарофати таҳқиқоти муосир ва таҷрибаҳои иҷтимоӣ, маълум мегардад, ки аксари муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ аз никоҳ оғоз меёбанд.

Бо вуҷуд, ки фарҳангҳо ва анъанаҳои миллӣ дар ҷаҳон гуногунанд, донишмандон бар он бовар доранд, ки дар асл, дар заминаи никоҳ як қатор хосиятҳои умумии ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ҳастанд, ки умумибашарии ин институтро тасдиқ мекунанд.

Илми муосир, ба хусус, дар марҳилаи таҳлил ва таҳқиқоти ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба таҳлили масъалаҳои никоҳ ва оила мепардозад. Таҳқиқоти амиқ ва илмии ин соҳа на танҳо барои рушди донишҳои назариявӣ кумак мерасонад, балки ба ҳалли масъалаҳои амалӣ низ таъсир мегузорад. Аммо, бо вуҷуди ин, дар доираи илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар мавриди никоҳ то ҳол камбудии таҳлили ҳамаҷониба вуҷуд дорад, ки ба ин манзур баъзе масъалаҳои муҳим ва амалӣ барҳақ ҳал нашуданд.

Никоҳ ҳамчун як падидаи таърихӣ-ҳуқуқӣ, ки решаҳои амиқи таърихии инсонро дар бар мегирад, бо таҳаввулоти ҷомеа ва таъсиси низомҳои ҳуқуқӣ ҳамоҳанг ба таҳаввулот гузаштааст. Дар таърихи халқи тоҷик низ никоҳ як масъалаи муҳим ва ҳалкунанда дар ҷараёни зиндагии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ҳисобида мешуд. Аз оғоз, манбаъҳои ҳуқуқи одатӣ ва шариат танзими никоҳро ба уҳда гирифта, нишон медиҳанд, ки ин муносибатҳо ҳамеша тахти ҳимоя ва танзими ҷомеа қарор доштанд.

Институт ва муҳимияти никоҳ дар тули таърих бо таъсири омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тағйир ёфтааст, аммо то имрӯз он ҳамчун як арзиши устувори иҷтимоӣ боқӣ мондааст. Таҳқиқи марҳилаҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули никоҳ барои фаҳмидани мафҳум ва контексти муосири ин институт аҳамияти калон дорад, зеро таҷрибаи таърихӣ метавонад дар такмил ва беҳтар кардани танзими он дар замони муосир як заминаи назариявӣ ва амалиро муҳайё созад. Аз гузашта то ба имрӯз, никоҳ ҳамчун унсури асосии ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ боқӣ монда, на танҳо ба ҳаёти шахсӣ, балки ба сохтори умумии ҷомеа низ таъсири амиқ мерасонад. Дар тули таърих, тартиби бастани ақди никоҳ ва ҷудоии он чандин маротиба тағйиротҳоро аз сар гузаронидааст. Вақтҳои охир,

хусусан дар давраи аввали шуравӣ, ин тағйиротҳо бо ислоҳоти куллӣ дар Тоҷикистон ҳамоҳанг шуда буданд, ки онҳоро метавон як гом дар роҳи такмил ва мукаммали ин соҳа шиносо кард.

Дигаргуниҳои куллӣ, ки дар кишварҳои муосир дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ ба амал меоянд, ба соҳаи давлатдорӣ ва демографӣ, ва махсусан ба муносибатҳои оилавӣ ва никоҳӣ таъсири амиқ мерасонанд. Ҷомеаи мо ба масоили марбут ба тарбия, таълим ва ташаккули насли наврас таваҷҷуҳи зиёде зоҳир менамояд, зеро тақдири кӯдакон ва ҷавонон, инчунин роҳнамои онҳо дар ҷомеа боиси ташаккули оила ва ҷомеаи босаодат мегардад. Дар ин замина, таҳкими институти никоҳ ва таъмини рушди он дар ҳоли ҳозир як вазифаи муҳим ва таъхирнопазир мебошад.

Таҷрибаи кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки барои ҳалли масъалаҳои оилавӣ ва кам кардани мушкилоти марбут ба никоҳ, ба хусус дар шароити муосир, қабул ва татбиқи сиёсати ҳукуматии дуруст ва устувор аҳамияти махсус дорад. Ваҳдати назария ва амал дар ин замина метавонад самарабахш бошад.

Таърихи никоҳ ва оила дар Тоҷикистон аз марҳилаҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ гузашта, ҳар як давра ба ин институт таъсири хосе расонидааст. Дар айни замон, бо гузашти вақт ва таҳаввулоти куллӣ дар сохторҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, никоҳ инчунин шеваҳои нав ва замони масъулияти бештарро талаб кардааст. Дар тули садсолаҳои охир, махсусан пас аз истиқлолияти кишвар, бояд диққати бештар ба танзими муосири никоҳ ва оила дода шавад, ки ин барои рушду эволютсияи ҷомеа баҳо меравад.

Бо таваҷҷуҳ ба таҳаввулоти қонунгузорӣ ва сиёсати давлатии Тоҷикистон, метавон гуфт, ки системаҳои ҳуқуқӣ дар солҳои охир кушиш мекунанд, ки никоҳро на танҳо ҳамчун як падидаи иҷтимоии одӣ, балки ҳамчун як институти хеле мураккаб ва таъсирбахш барои рушди кишвар ва ҷомеа шиносо кунанд. Танзими равобити оилавӣ дар ин замон дар баробари таъмин кардани ҳимояи ҳуқуқии аъзои оила, дар дигар соҳаҳои

иҷтимоии ҷомеа, аз ҷумла таҳсил, тандурустӣ ва масъалаҳои иқтисодӣ низ таъсири амиқ мерасонад.

Дар замони муосир, муҳим аст, ки масъалаҳои марбут ба никоҳ ва оила дар ҷомеаи тоҷик бо риояи анъанаҳо ва фарҳанги миллӣ, ҳамзамон, ба талаботи ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқ гардонида шаванд. Муҳимияти иҷрои таҳқиқоти илмию ҳуқуқии доимии соҳаи никоҳ ва оила дар кишвар, нақши муҳим дар ташкили як заминаи ҳуқуқии мукаммал, боқӣ мондааст. Ҳамзамон, ҷомеаи тоҷик, ки дар он ҳамгироии фарҳангҳои гуногун ва рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба назар мерасад, бояд принсипҳои якҷояи ҳуқуқӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва таъмини шуури ҳуқуқӣ дар оила ва ҷомеаро ба таври мунтазам таҳия кунад. Бо гузашти ҳар як марҳилаи таърихӣ, дар Тоҷикистон муносибатҳо ба никоҳ ва оила тадриҷан рушд ёфтаанд. Агар дар авали давраи шуравӣ ин мавзуъ бо ислоҳоти ҷиддӣ ҳамроҳ буд, пас имрӯз ба он таваҷҷуҳи хос ва дарк намудани аҳамияти таърихии никоҳ барои рушди як ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар назар аст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки барои аввалин маротиба таҳқиқи амиқ ва комплексии институти никоҳ дар контексти ду низоми ҳуқуқии гуногун — шуравӣ ва муосир — баргузор мегардад. Мақсаду вазифаҳои асосии таҳқиқот, ки таҳлили институти никоҳ ва тағйиротҳои он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд, кушиш доранд, ки фаҳмидани раванди ҳуқуқсозӣ ва ҳуқуқтабиқсозии ҳуҷҷатҳои қонунӣ дар замони шуравӣ ва давраи муосирро роҳандозӣ кунанд. Бо такя ба манбаъҳои таърихӣ ва ҳуқуқии давраи шуравӣ, инчунин таҳлили таҷрибаи замони имрӯз, мақсади аслии таҳқиқот ин аст, ки раванди ҳуқуқсозӣ дар заминаи қонунгузории шуравӣ таҳлил карда шуда, истифодаи он дар шароити муосир ва тағйироти ниҳоӣ ва натиҷаҳои ин муносибатҳо дар амалия пешбинӣ карда шавад.

Мақсади дақиқи таҳқиқот ин аст, ки на танҳо институти никоҳ ва мафҳумҳои марбут ба он, аз қабили "никоҳ", "ҳамсарон", "марду зан", "никоҳшавандагон" ва "шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд", балки таҳлил ва тасҳеҳи қонунгузории моддӣ ва равобити ҳуқуқии мувофиқ бо тақозоҳои муосир баррасӣ шаванд. Дар ҳамин замина, таҳқиқот ба мушкилоти таҷрибаи амалии ҳуқуқи Тоҷикистон дар заминаи ба истифода бурдани қонунгузории шуравӣ ва таъсири он дар қонунсозӣ ва амалишавии ҳуқуқҳои муосир диққат медиҳад.

Навгонии ин тадқиқот, ки барои нахустин маротиба дар илмҳои ҳуқуқӣ баррасии ҳуқуқӣ ва таърихии институти никоҳ бо мавриди назар гирифтани низоми ҳуқуқии ду давра (шуравӣ ва муосир) мебошад, барои фаҳмидани амиқи дидгоҳҳои дурусти ҳуқуқӣ, раванди таърихӣ ва амали иҷтимоии қонунгузории Тоҷикистон зарурӣ аст. Мавзуи аслӣ ва хулосаҳои илмии диссертатсия нишон медиҳанд, ки ин таҳқиқот на танҳо баррасии худи институти никоҳ, балки муайян кардани тағйироти қонунгузорӣ, таърифҳои ҳуқуқии асосӣ ва қоидаҳои асосии ҳуқуқӣ дар заминаи таърихи ҳуқуқи Тоҷикистон мебошад.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот ба гурӯҳҳои асосии зерин тақсим мешаванд:

Таҳлили таърихии ва ҳуқуқии институти никоҳ: дидани фарқиятҳо ва мушкилоти ба қонунгузории шуравӣ ва муосир вобаста мебошад.

Таҳқиқи ба таври мантиқӣ ва назариявӣ фаҳмидани мафҳумҳо, ки асоси он дар қонунгузории қавмӣ ва замони муосир қарор мегирад. Пешгуи ва такмили қонунгузорӣ: Пешгуӣ ва пешниҳод ба тағйиротҳои мусбат дар заминаи қонунгузории шӯравӣ барои мутобиқ кардани он бо вазъияти ҳуқуқии муосир. Ҳуқуқҳои ва вазифаҳои қонунӣ, ки дар асл амиқ ба расонидани дурустии амалишавии таҳқиқот дар раванди ҳуқуқсозӣ ва амали ҳуқуқӣ равона шудаанд. Ин таҳқиқот имкони дарк кардани инъикоси тағйирот дар ниҳодҳои ҳуқуқии кишвар ва хулосаҳои онро барои рушди амиқ ва ҳамгироии ҳуқуқҳои муосир пешниҳод менамояд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ марбут ба таҳлили маъни ва мустаҳкам кардани принсипҳои ҳуқуқии асосӣ мебошад, ки тавассути онҳо ба фаҳмидани муносибатҳои марбут ба никоҳ ва асолати он дар ҷомеа ва давлат аҳамияти махсус дода шудааст. Инкишофи институти никоҳ дар қонунгузории шуравӣ ба таври амиқ кушиш мекунад, ки шеносоии анъанаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии марбут ба никоҳ ва мутобиқати онҳо бо принсипҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ дар шуравӣ эътибор дошта бошад. Ҳар як мутахассис, ки дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ ва никоҳ таҳқиқот мекунад, бояд бо усулҳои методологии гуногун кор кунад, ки ҷузъҳои мухталифи муносибатҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад. Аз он ҷумла, таҳлили таърихии вазъи ҳуқуқии никоҳ дар шуравӣ, муайян кардани шеваи қонунгузорӣ ва амалишавии он, ки дар маҷмуъ, дар асоси муносибатҳои ба қонун мутобиқ ё ададбандии кушишҳои қонунсозии қавмӣ ба накши амиқ ифода меёбад. Қонунҳои шуравӣ ба накши таърихии ниҳодҳои қонунгузорӣ ва фарқиятҳои асосӣ дар амалишавии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ пайванд мекунад. Қонунгузорӣ дар соҳаи никоҳ ва муносибатҳои шуравӣ, ки бо мақсади мутобиқсозии он бо талаботи иҷтимоии ҷомеъа ва талаботи ҳуқуқи шаҳрвандӣ буд, на танҳо таҳлил кардани навгониҳо, балки эҳтимолан камбудиҳо дар амиқӣ ва амалишавии қонунҳоро низ дар бар мегирад. Ба таври дақиқ, баррасии хатогиҳои воқеии қонунгузорӣ ва роҳҳои такмилдиҳии онҳо барои устувории ҳуқуқии муносибатҳои никоҳӣ таҳқиқ шуда, яке аз муҳимтарин равишҳои муҳаққиқон ва мутахассисон бо роҳи дуруст кардани кушишҳои давлатӣ ва ҳуқуқии масъулият барои зиндагии оилавӣ ва ақди никоҳ гардид. Вазъи ҳуқуқии ақди никоҳ дар давраи шуравӣ ва ташаккул ва ҷорӣ кардани механизми бастан ва бекор кардани никоҳ, ки таҷрибаҳои мушкил ва камбудиҳоро нишон медиҳад, инчунин беҳбудӣ ва таҳлили қонунгузории шуравӣ дар ин соҳа, боиси ташаккул ва инкишофи қонунҳои оилавӣ гардид. Барои муайян кардани бартариҳои як қонун ва роҳҳои татбиқ, раванди ҷомеа, инчунин сохтори ҳуқуқии он метавонад дар

манзари таҳаввулоти қонунгузории Тоҷикистон ҳамчун асоси такмили низомҳои ҳуқуқии оилавӣ бошад. Тафсири ин масъала ба барасмиятдарории қонунгузории оилавии Тоҷикистон ва таҳлили бартариҳо ва нуқсонҳои он, инчунин пайваст кардани таҷрибаи қонунгузории шуравӣ дар шеваи муқоисавӣ, барои шиносоии дурустии муносибатҳо дар оила, ки мақсади аслии таҳқиқотҳои оилавӣ мебошад. Ин ҷузъи муҳими таҳқиқот барои фаҳмидани мақсад ва мазмун, маънӣ ва нақши никоҳ дар ҷомеа, давлат ва ҳаёти шахс мебошад. Мафҳуми никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ ва маънои он барои ба роҳ мондани муошират ва ҷомеа ба сифати як механизми иҷтимоӣ дарҷ шудааст. Таҳлили вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ дар қонунгузории амалкунанда, ки муайян кардани вазъиятҳои ҳуқуқии тарафҳо, ҳуқуқҳои тарафҳои мужаҷҷали оилавӣ, ки дар заминаи ҳуқуқи муосир бозсохта шудаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи никоҳ ва оила сиёсати ҳуқуқии худро таҳрик дода, барои рушди муносибатҳо, афзоиши сифати зиндагии оилавӣ ва дурустии манзари ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ мекунад. Бо такмили қонунгузорӣ ва арзишҳои хоси миллӣ, Тоҷикистон кушиш мекунад, ки системаи ҳуқуқии никоҳро такмил диҳад.

Дар умум, навгонии тадқиқот ба рушди амиқи таҳқиқоти институти никоҳ ва муносибатҳои марбут ба он, шиносоии ихтилофоти ҳуқуқӣ ва иҷтимоии марбут ба никоҳ ва оила ва баррасии дурустии амалишавии ҳуқуқи муосир пайваст мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия, ки бар асоси натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи институти никоҳ дар контексти Тоҷикистон дар давраи шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ таҳия шудаанд, дар муҳаққиқоти ҳуқуқӣ ва илмии муосир аҳамияти махсус доранд. Таҳлили амиқ ва ҳамаҷониба бо истифода аз усулҳои методологии дуруст ва навоварӣ дар таҳқиқоти донишгоҳӣ ва конференсияҳои байналмилалӣ, тақдимот ва мақолаҳои муаллиф таъсир гузоштаанд, ки

сабаби расидан ба хулосаҳои муҳими илмии дастоварди ин таҳқиқот гардидаанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти институти никоҳ ва шиносоии раванди ҳуқуқсозӣ дар шуравӣ ва Тоҷикистон барои пешниҳод ва баррасии навгониҳои илмӣ ба ҳисоб меравад. Воқеан, ахбори натиҷаҳо ва таҳқиқотҳои пайдарпайи пешниҳодшуда дар мақолаҳо ва маърузаҳои илмӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалии таҳқиқоти соҳаҳо пайваст шуда, мутахассисонро ба таҳлили амиқи системаи қонунгузорӣ дар соҳаи никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ ҷалб кардаанд. Бинобар ин, маълумоти пешниҳодшуда дар таҳқиқот ба муайян кардани масъалаҳои мавҷудаи қонунгузорӣ ва оилавӣ кумак мекунад, ки дар доираи таҳаввулоти ҳуқуқии муосир ва таърихи шуравӣ зарурият дорад.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот, ки дар диссертатсия таъкид шудаанд, эътимоднокии таҳлил ва дурустии баррасии масъалаҳоро бо истифода аз равишҳои назариявӣ ва амалӣ ба анҷом мерасонанд. Мақсади аслии тадқиқот, ки таърихи ташкил ва таҳаввулоти институти никоҳ дар қонунгузории шуравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, ба таври дақиқ шиносоии системаи қонунгузории муосир ва таърихиро муқоиса мекунад. Ин як таҳлили амиқ ва мукаммал аст, ки дар худ инкишофи институти никоҳро бо тағйирот ва таҳаввулоти қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ нисбат ба якдигар дар заминаи ҳуқуқи ҷамъиятӣ муҳокима мекунад.

Таҳлилҳои муқоисавии қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи никоҳ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, ба шиносоии фарқиятҳои муҳим дар қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои дигар ва инчунин ба таҳсили баҳсҳои ҳуқуқӣ оид ба мушкилоти хос ва эҳтиёҷот нишондод шудааст. Маъзараи мувофиқи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ дар муносиботи оилавӣ ва никоҳ барои мутобиқ намудани қонунҳои Тоҷикистон бо шароити ҷориву ҷаҳонӣ аҳамияти махсус дорад.

Мубрамияти мавзуъ дар диссертатсия тавассути таҳлили дуруст ва амиқ дар ҷузъи ҳуқуқшиносии оилавӣ ва никоҳ дар Тоҷикистон ба таври қатъӣ равшан мешавад. Мақсади аслии таҳқиқот, ки шиносоии хулосаҳои назариявӣ ва амалии соҳаҳои ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи шахсӣ мебошад, ба таҳқиқот кардани маънои никоҳ ва таъсири қонунгузории шуравӣ ва муосир кумак мерасонад. Пешниҳодҳои муаллиф дар бораи такмили қонунгузорӣ, ҳуқуқи тарафҳо дар ақди никоҳ, ташаккул ва таҳаввулоти қонунҳои оилавӣ ва кушишҳои интиқодӣ барои ислоҳи камбудиҳои мавҷуда дар қонунгузории амаликунанда хидмат мекунанд. Бинобар ин, хулосаҳои муаллиф дар шиносоии масъалаҳои мавҷуда ва пешниҳоди роҳҳо барои ислоҳот барои беҳтар кардани системи ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи никоҳ ва оила муҳим ва самаранок мебошанд.

**Дар муқаддимаи диссертатсия**, муаллиф ба таври аниқ ва равшан мавзуъ, мақсади тадқиқот, вазифаҳо ва асосҳои методологии таҳқиқотро муайян мекунад, ки бо ин амал таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавӣ дар самти институти никоҳ ба таври ҳамаҷониба мусоидат мекунанд. Сатҳи баланди таҳқиқот ва новобаста ба натиҷаҳои муҳим ва хулосаҳои такмили қонунгузорӣ, ки барои рушди ояндаи институти никоҳ дар Тоҷикистон ба таври равшан тасвир карда шудааст, нақши марказии онҳоро дар ҷомеа нишон медиҳад.

**Боби якуми диссертатсия зери унвони «Мафҳум ва моҳияти институти никоҳ дар низоми ҳуқуқии шуравӣ»** ба таҳлили амиқ ва фарогирии масъалаҳои асосии институти никоҳ дар замони шуравӣ бахшида шудааст. Дар ин боб, муаллиф ба омӯхтани масоили назариявӣ ва методологӣ, таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин таҳаввулоти қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ, ва вазъи ҳуқуқии бастан ва бекор кардани ақди никоҳ дар давраи шуравӣ мепардозад. Муҳаққиқ бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳлилӣ ва методологии дақиқ, дар якҷоягӣ бо таҳлили манбаъҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ, мавзуъҳои мухталифи соҳаҳои никоҳ ва муносибатҳои оилавиро равшан менамояд.

Масъалаҳои назариявӣ-методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ: Дар ин бахш, муаллиф кушиш мекунад, ки нақши институти никоҳро дар доираи ҳуқуқи шуравӣ шиносоии амиқ намояд. Шиносоии он ба воситаи таҳлили асосии назарӣ ва методологии муқаррароти қонунгузории ширавӣ ва амалишавии онҳо дар ҷомеа, бо дарназардошти таъсири ин институти муҳим ба ҳар як ҷузъи ҷамъият, амалӣ карда мешавад. Ин таҳлил ба муқаррароти аслии ҳуқуқи оилавӣ дар шуравӣ ва ба таври вижа маъзарати механизмҳои ҳуқуқии дастрас кардани ақди никоҳ ва аҳамияти он дар ҷомеа равона мешавад.

Анъанаҳои таърихии иҷтимоии ва ҳуқуқии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ: Таҳлили муфассал дар бораи анъанаҳои таърихии институти никоҳ дар шӯравӣ, ки аз рӯзҳои аввалини ташкили шуравӣ дар дохили давлат шакл гирифтаанд, аҳамияти махсус доранд. Муаллиф пайгирии эволютсияи амиқи институтсияҳо ва механизмҳои ҳуқуқии никоҳро, ки ба сифати як унсури муҳими шохаи ҳуқуқи оилавӣ таҳаввул ёфтаанд, баррасӣ мекунад. Дар ин ҷабҳа, паҳлуҳои гуногуни анъанаи иҷтимоии никоҳ ва шароити равобитҳои иҷтимоӣ, ки ба рушди институти никоҳ дар шуравӣ кумак карданд, муҳокима мешаванд.

Инкишофи қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ: Муаллиф ин бахшро ба таҳлили қонунгузории шуравӣ, ки марбут ба муҳити ҳуқуқӣ ва иҷтимоии никоҳ буд, ҷудо мекунад. Вақтгузарӣ ва таъсироти умумии шароити сиёсӣ ва иқтисодии шуравӣ бар вазъи никоҳ ва ҳукмфармоии ҳуқуқи оилавӣ таҳлил мешаванд. Дар ин замина, муаллиф ба таҳаввулоти қонунгузорӣ дар соҳаи никоҳ таваҷҷуҳ мекунад ва дақиқ мекунад, ки кадом тағйирот ва ислоҳот дар қонунгузории шуравӣ мусоидат карданд ва кадом ҳодисаҳо ва мушкилот ба тағйироти он оварда расонданд.

Таҳаввули вазъи ҳуқуқии бастан ва бекор кардани ақди никоҳ дар давраи шуравӣ: Ваҷдият ва арзиши таҳқиқи раванди бастан ва бекор кардани ақди никоҳ дар шуравӣ дар ин бахш аён аст. Муаллиф нишон медиҳад, ки бо вуҷуди қабули қонунҳои шуравӣ, ки ба вуҷуд овардани

механизмҳои ҳуқуқӣ барои бекор кардани никоҳро муайян мекарданд, вале дар амал барои аҳли ҷомеа мушкилот ва нороҳатиҳое вуҷуд доштанд. Таҳлили ин масъалаҳо ба шароити иҷтимои ва сиёсие, ки манбаи номусоиди амалишавии қонунҳо буданд, ишора мекунад.

Ин бахши аввалин аз диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ барои таҳқиқи амиқ ва дақиқи институти никоҳ ва таъсири он дар соҳаи ҳуқуқи шуравӣ ба ҳар як ҷузъи масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба никоҳ аҳамияти зиёд дорад. Муаллиф бо ин таҳқиқот, як қатор санадҳои муҳимро дар пешрафти илмии ҳуқуқи оилавӣ ва ташаккули муносибатҳои оилавӣ ва иҷтимоии соҳа меорад.

**Боби дуюми диссертатсия зери унвони «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол»** ба таҳлили амиқи таҳаввулоти институти никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст. Дар ин боб, муаллиф бо баррасии масъалаҳои муҳим ва муҳими соҳаи никоҳ дар замони мустақилият, вазъи ҳуқуқии институти никоҳ ва ҳамчунин омилҳои сиёсӣ, иҷтимоии ва фарҳангии марбут ба он дар фазои давлати навини Тоҷикистон мепардозад.

Ташаккул ва инкишофи қонунгузории оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ин бахш ба таҳлили таҳаввулоти қонунгузории оила дар Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ, ки тахти таъсири омилҳои навини сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар қарор дорад, бахшида шудааст. Муаллиф пажуҳиш мекунад, ки қонунгузории оилавӣ дар Тоҷикистон чӣ гуна ба талаботи иҷтимоии муосир ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ шудааст. Тағйироти муҳим дар қонунгузории оилавӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи фарзандон ва баҳсҳои ҳуқуқии акди никоҳ ва оила рабт дорад, дар назар гирифта мешаванд. Муаллиф дар ин бахш ба таҳлили амиқи мафҳум ва моҳияти никоҳ дар ҷомеаи Тоҷикистон, нақши он дар рушду ташаккули давлат, ҷомеа ва ҳаёти шахсӣ мепардозад. Маъзарати таъйиноти иҷтимоии никоҳ, ки дар раванди эволютсияи иҷтимоии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ аҳамияти баланд пайдо

кардааст, бо баррасии ташаккул ва эволютсияи ҳуқуқӣ ва фарҳангии он дар марҳалаҳои мухталифи таърихии кишвар таҳлил мешавад. Ин бахш ба таҳлили вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ дар давраи соҳибистиқлолӣ ва пешрафти муқаррароти ҳуқуқии марбут ба он, ки барои ҳар ду тараф (марду зан) ҳуқуқҳои баробар ва ҳифзи манфиатҳои онҳоро таъмин мекунад, бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ ба баррасии ҳамоҳангии вазъи ҳуқуқии тарафҳо дар маҷмуъ ва ба хусус дар заминаи қонунгузории Тоҷикистон ва таъсири он ба муносибатҳои оилавӣ дар ҷомеа мепардозад. Дар ин бахш, муаллиф ба таҳлили сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи никоҳ ва оила, ки бо такмили муқаррароти ҳуқуқии миллӣ ва мутобиқ кардани онҳо бо шартномаҳои байналмилалӣ, қарорҳо ва тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ иртибот дорад, мепардозад. Ваҷдияти сиёсати ҳуқуқии кишвар дар соҳаи никоҳ ва оила барои ташаккули муносибатҳои муосири оилавӣ ва устувор кардани низоми ҳуқуқии кишвар ҳамчун механизми муҳим барои ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон ва тарафҳои ақди никоҳ баррасӣ мешавад. Ин боб ба таҳаввулоти амиқи қонунгузории оилавӣ ва қонунҳои марбут ба никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мепардозад ва равишҳои мухталифи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар ташаккули институти никоҳ дар кишвар боз мекунад. Таҳлили ин масъалаҳо барои фаҳмидани таъсири муқаррароти ҳуқуқии муосир дар соҳаи никоҳ, инчунин оид ба рушди ояндаи қонунгузории оилавӣ дар Тоҷикистон, аҳамияти махсус дорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсия дар соҳаи никоҳ ва оила, ки дар он хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада на танҳо барои фаҳмидани равандҳои таърихии ва ҳуқуқии ин соҳа, балки барои беҳтар кардани вазъи қонунгузорӣ ва амали ҳуқуқӣ дар замони муосир кумак мерасонанд, хеле бузург аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзӯъҳои назариявӣ, таърихӣ ва ҳуқуқии марбут ба никоҳ ва оила ба авҷ рафта, ба навоварии илмӣ дар

сохаҳои ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи маданӣ мусоидат мекунанд. Маводҳо ва маълумотҳое, ки дар таҳқиқот пешниҳод мешаванд, на танҳо ба амиқ намудани фаҳмиши мавзуъҳо ва категорияҳои назариявӣ кумак мерасонанд, балки барои рушди адабиёти таълимӣ дар соҳаи оила ва никоҳ, аниқтараш барои таҳияи манбаъҳои илмӣ ва таълимии ҷавобгӯ ба талаботи замон, аҳамияти калон доранд. Таҳлили таърихӣ ва ҳуқуқии мавзуъ дар шиносоии омилҳои таъсиррасон ба равандҳои ҳуқуқии никоҳ ва оила дар Тоҷикистон дар давраҳои мухталиф ба дақиқ шудани нигаришҳо ва раванди инкишофи назариявии соҳа мусоидат мекунад.

Маводҳои илмии замонавӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ, ки дар диссертатсия ба кор гирифта шудаанд, барои таҳлил ва тасаввур кардани алоқамандии ниҳодҳои қонунгузорӣ дар замони муосир, инчунин барои баррасии меъёрҳо ва стандарти ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи никоҳ ба кор мебаранд.

Ҳамчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада дар равандҳои ҳуқуқсозӣ ва такмили қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқии кишвар нақши муҳим мебозанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун асос барои такмил ва таҷдиди қонунгузории оилавӣ, махсусан барои таҳрири Кодекси оила ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ истифода шаванд. Ин кор метавонад вобаста ба талаботи соҳаи никоҳ ва ҳуқуқи оилавӣ дар замони муосир ва ниёзҳои ҷомеа дар шароити инкишофи иҷтимоии Тоҷикистон бошад. Пешниҳодҳо ва хулосаҳо метавонанд барои таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ, ба мисли қонунҳои нав ва қарорҳои дахлдор дар соҳаи никоҳ ва оила, истифода шаванд. Ҳамчунин, таҳқиқот барои таҳияи стратегияҳои давлати ва консепсияҳои ҳуқуқии муайян барои рушди соҳаи оилавӣ ва нақши ниҳодҳои масъул дар татбиқи онҳо кумак мерасонад. Ин ба такмил ва ташаккули институти никоҳ дар кишвар бо назардошти талабот ва шароити муосир мусоидат мекунад.

Аҳаммияти диссертатсия танҳо дар ҳалли мушкилоти ҷории қонунгузорӣ ва назарияи ҳуқуқи оилавӣ маҳдуд намешавад, балки бо пешниҳоди дастурҳо ва амалҳо, ки метавонанд барои муосир кардани қонунгузорӣ ва муфассал кардани механизмҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи никоҳ кумак расонанд, ба беҳбудии ниходҳои ҳуқуқии кишвар ва рушди устувори ҷомеа мусоидат мекунад. Ин таҳқиқот ба таври амиқ ва ҳамаҷониба проблемаҳои оилавӣ, ҳуқуқи никоҳ ва қонунгузории марбутаро дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҳлил мекунад, ки он барои муҳаққиқон, қонунгузорон, ва ҳокимиятҳои кишвар манбаи зарурии иттилоот ва такмили амалии ҳуқуқи оилавӣ хоҳад буд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 11 мақолаи илмӣ, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илми, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, бо талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 30-юми июни соли 2021 тахти №267, тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад. Ҳамин тавр, мувофиқи он, тахқиқоти анҷомшуда аз ҷиҳати сохторӣ, мустаҳкамии илмию методологӣ ва аҳаммияти назариявию амалии баёнот пурра ба талаботи гуногуни илмӣ ҷавобгӯ аст.

Дар баробари паҳлуҳои мусбии дар боло зикргардидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ , баъзе ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки асосноккунии иловагиро талаб менамоянд ва ё баҳсталаб мебошанд. Аз ҷумла:

1. Зербоби аввали боби якуми диссертатсия ба масъалаи асосҳои назариявӣ-методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки солҳои аввали ташаккули ҳуқуқи шуравӣ ин замони дар омезиш ва ҳамбастагӣ амал намудани низоми ҳуқуқи расмии меъёрӣ ва амали фаъолонаи меъерҳои иҷтимоӣ ба монанди, меъёрҳои динӣ ва одатӣ буданд. Аслан бо назардошти вазъият ҳамбастагии амали онҳо дар тамоми давраи амали ҳуқуқи шуравӣ таъмин гардида буд ва ба тариқи расмӣ ва ғайрирасмӣ онҳо амал менамуданд. Дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои оилавӣ низ дар баробари меъёрҳои расмии ҳуқуқӣ меъёрҳои динию одатӣ амал намуда истодаанд. Ба монанди маросими никоҳ, бекор кардани никоҳ, тақсими меърос, фарзандхондӣ, ки дар амалӣ намудани онҳо меъёрҳои динию одатӣ татбиқ карда мешаванд. Мехостам муаллифи диссертатсия андешаҳои худро дар хусуси имконияти ҳамбастагии амали меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ дар бахши никоҳу оила ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия иброз менамуданд.

2. Муаллиф яке аз масъалаҳои муҳиме, ки мавриди баррасӣ қарор дода аст, масъалаи тарафҳои ақди никоҳ ва субъектони он мебошад. Дар шароити имрӯзаи рушди ҷомеа никоҳҳои нави ғайрианъанавӣ дар шакли «никоҳи шаҳрвандӣ» ё «ҳамзистии муштарак» ва м.и. пайдо шудааст, ки

мавқеи субъектони муносибатҳои никоҳу оилавиро тағйир медиҳанд. Албата дар таҷрибаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ чунин шакли ҳамзистии зану мард нав нестанд. Вале барои Ҷумҳурии Тоҷикистон асаран пешбурди муносибатҳои оилавӣ тавассути бастани никоҳи маъмулӣ хос аст. Дар қисматҳои алоҳидаи диссертатсия ин масъала борҳо баррасӣ гардидаанд (чунончӣ саҳ 129-130), вале мавқеъ ва хулосаи мушаххаси муаллиф дар ин бора пешниҳод нашудааст.

3. Муаллиф баъзе меёрҳои қонунгузории оила, хосатан Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити замон номувофиқ медонад ва пешниҳод меесозанд, ки он дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад. Ҳамзамон, ҷиҳати дар амал ҷорӣ намудани меъёрҳои қонунгузории оилавӣ таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ «Консепсияи давлатии сиёсати оилавӣ ва никоҳ дар ҶТ барои давраи то соли 2035»-ро зарур мешуморанд. Аз муаллиф хоҳиш менамоем, ки зарурияти қабули чунин Консепсияро дар чи мебинанд ва он кадом оқибатҳои некро дар самти танзими муносибатҳои никоҳу оила ба вуҷуд меорад ва барои беҳтар намудани муносибатҳои оилавӣ, ки дар кишвар дар воқеъ ташвишовар мебошанд чи гуна метавонад мусоидат кунад?

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд, бештар хусусияти мушаххаснамоию тавсиявӣ доранд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Файзzода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи "Икишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи
давлатии факултети сиёсат ва идораи
давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав, н.и.ҳ. Аминжонов А.Х.
«02» сентябри 2025 сол

**Имзои Аминжонов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хисрав Исозода Т.И.

Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,
тел: 8(3222)2-54-81,2-22-53; почтаи электронӣ- bgu- 1978@mail.ru.